# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №19

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27.01.2024, №19

Барои сазовор донистани Гулов Искандар Хасанович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя 10 ноябри соли 2023, суратмаҷлиси №17.1. аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Гулов Искандар Хасанович 06 ноябри  соли 1989 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2012 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи мутахассиси Маразаи табъу нашр, тарҷума ва баргардон ва ҳамзамон омӯзгори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Аз соли 2012 то соли 2024 дар вазифаҳои омӯзгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, котиби ноиби ректор оид ба илм ва ҳамзамон омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод ва молия, котиби шуъбаи аспирантура ва ҳамзамон омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод, омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2021 то инҷониб дар вазифаи мутахассиси Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон ва ҳамзамон омӯзгори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият карда истодааст.

Аз соли 2014 то соли 2017 аспиранти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мавзӯи диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30 майи соли 2015 протоколи №10 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ашуров Ихтиёр Саидович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Азимов Абдумавлон Ҷалилович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;
2. **Одиназода Комрон Саидаброр** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи муштараки шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 январи соли 2024, протоколи №2 муҳокима шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, Директори МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Маҳмадбекзода М.Ш., эксперт-мудири шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Васиев Ф.М. ва котиби ҷаласа мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Раимдодов У.С. имзо шуда, аз тарафи Директори муассисаи зикршуда номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Маҳмадбекзода М.Ш. санаи 05.01.2024 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ

мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Гулов Искандар Хасанович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Пиризода Ҷалил Сафар – узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, бо чунин эрод: 1) Кори диссертатсионӣ мукаммал мегашт, агар муаллиф омилҳои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатиро муайян намуда, таъсири онро ба рушди сатҳи зиндагии аҳолӣ баҳо медод.

2. Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, бо чунин эродҳо: 1) Агар муаллиф ҷадвалҳои овардашударо коркард ва аз онҳо хулосабарорӣ мекард, сатҳи илмии диссертатсия такмил меёфт; 2) Хуб мешуд, агар муаллиф бо истифода аз усулҳои математикӣ, ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баҳо дода, роҳҳои ҳалли онҳоро нишон медод, қиммати илмии диссертатсия беҳтар мегардид.

3. Азимова Мадина Турдиевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо чунин эрод: 1) Агар диссертант самаранокии иқтисодии ҳамгироии агросаноатиро барои вилояти Хатлон вобаста бо захираҳои мавҷудаи он нишон медод, қиммати илмии диссертатсия баланд мегашт.

4. Бобоев Анвар Абдуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, бо чунин эрод: 1) Агар муаллиф механизмҳои иҷрои барномаҳои пешниҳодкардаи худро бо далелҳо исбот менамуд, аҳамияти илмии диссертатсия афзун мегашт.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таҳия карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- механизми татбиқи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити муосир таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоиию меҳнатӣ асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсиҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди сиёсати иҷтимоиию меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти меҳнат», «Назарияи иқтисодӣ» ва «Идоракунии кормандон» ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 15 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2016-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 27 январи соли 2024 қарори сазовор донистани  Гулов Искандар Хасанович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса 30.01.2024**